# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Низамова Т.Д. (раиси комисия), доктори илмҳои иктисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. (аъзо) ва доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Шамсзода И.С. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Искандарзода Ҳофиз Ҳаким - «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», аз нигоҳи мубрамӣ хело муҳим буда, таҳқиқоти мукаммали илмии ба анҷомрасида дониста шуда, натиҷаҳои илмии боарзиши муаллифро дар худ таҷассум менамояд. Он ба ҳалли мушкилоти муосири илмӣ-назариявӣ, такмилӣ-таҳлилӣ ва методӣ-методологии идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир бахшида шудааст. Муҳиммияти такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ба тағйироти ҷиддии дар муҳити имрӯзаи иқтисодиёт дидашаванда ва дар натиҷаи пешрафти босуръати технология ба вуҷуд омадааст, вобаста аст. Идоракунии сармояи инсонӣ

бо мақсади истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ ва расидан ба афзалиятҳои рақобатнокӣ, таъмини сифати баланди маҳсулот, хусусан, ба рушди босуботи иқтисодиёт мусоидат менамояд. Рушду тавсеаи иқтисодиёт дар замони муосир бо идоракунии самараноки сармояи инсонӣ ҳамчун интиқолдиҳанда ва азхудкунандаи донишҳо алоқаманд аст.

Вобаста ба масоили такмилдиҳии сармояи инсонӣ ва самаранок идора кардани он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барнома ва стратегияи мақсаднокеро дар асоси принсипи ҳалли маҷмуи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ, сифати зиндагӣ ва дар баробари инҳо фароҳам овардани шароитҳо, барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намуда истодааст. Ҳукумати кишвар такмили идоракунии самараноки сармояи инсониро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, ислоҳотро дар низоми маориф ва илм, таҷдиди соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои он, таъмини ҳамоҳангии бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ татбиқ намуда истодааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ ба тарбияи томактабӣ, таълими мактабӣ, ихтисосмандии миёна ва олии касбӣ, зеҳнияти баланди кормандӣ ва эҷоду кашфиётҳои илмӣ диққати махсус дода мешавад. Ин марҳилаҳо, ки аслан бозгӯии ташаккули сармояи инсонӣ дониста мешаванд ва боиси рушди иқтисодиёти инноватсионӣ мегардад. Вале боз дар баробари ин баъзе масоилҳои низ пайдо гардида истодаанд, ки омӯзиши дурустару беҳтарӣ идоракунии сармояи инсониро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи он асосноккунӣ ва коркарди ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилии пешбурди идоракунии онро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи баррасишаванда, яке аз мавзуҳои фаъоли иқтисодӣ дониста шуда,

таваҷҷуҳи бештари олимон ва муҳақиқонро барои омӯзиш ва рушду ташаккул додани он тақозо мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ буда, бо забони давлатӣ омода гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), ки тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021, таҳти № 349 ба шурои диссертатсионӣ ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур додааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, таҳти № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 96 мақолаи илмӣ, аз онҳо 36 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва сархати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) гувоҳӣ медиҳад.

6.Асолати матни автореферати диссертатсия 80,43% ва диссертатсия 79,34% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровaрда шуданд.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардида мавҷуд нест.

8. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) ва талаботи бандхои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷахои илмӣ 3 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ба ӯхда гирифта, комиссияи экспретии шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба шурои диссертасионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

- **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- **Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис, ба миқдори 100 дона иҷозат дода шавад.

**6.** Санаи ҳимоя 21.06.2025, соати $09^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низамова Т.Д.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ Собирзода Н.М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Шамсзода И.С.
15.03.2025